ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Солеҳзода Шоира Солеҳ** дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. – Педагогика (5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ)

Кори диссертатсионӣ аз нигоҳи танзим, ҷобаҷогузорӣ, пайдарҳамии мантиқии фикр, дараҷаи илмию назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти комили баанҷомрасида маҳсуб гардида, ба баррасии яке аз масъалаҳои мубрами илми методика - таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон бахшида шудааст.

Воқеан, мактаби муосир вазифадор аст, ки таълими забони модариро аз доираи маҳдуди қоидаҳои имлоию грамматикӣ берун оварда, ба самти ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва истифодаи воқеии забони адабӣ нигаронида бошад. Натиҷаи ниҳоии раванди таълим маҳз дар қобилияти хонанда бобати истифодаи фаъоли донишҳои назариявӣ дар вазъи гуногуни муошират, муколама, шарҳи мазмуну муҳтавои матн зоҳир мешавад. Ин омил қатъият ва заминаи педагогии таҳқиқоти Солеҳзода Шоира Солеҳро комилан асоснок ва саривақтӣ мегардонад.

Зарбулмасалу мақолҳо, пандномаҳо, афоризмҳо ва ибораҳои устувори рехта на танҳо барои тавсеаи фаъоли фонди луғавии хонандагон хизмат мекунанд, балки ҳамчун интиқолдиҳандаи таҷрибаи таърихию маданӣ, ҷаҳонбинии ахлоқӣ, тафаккури образнок ва муносибатҳои иҷтимоӣ нақши муҳимми маърифатӣ доранд. Гузариши ин воҳидҳо аз доираи маҳдуди шарҳи луғавӣ ба нутқи фаъоли иртиботӣ, аз ҷумла вазъиятҳои гуногуни муошират, матнҳои эҷодӣ ва мубоҳисавӣ имкон медиҳад, ки онҳо ба як нақши муассир ва стратегии ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон табдил ёбанд.

Муаллиф дар рисола консепсияи таҳияи низоми мунтазам ва пайдарпайӣ таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро барои синфҳои V-XI пешниҳод кардааст. Меҳвари корро муайянкунии омилҳои педагогӣ ва лингвистии ташаккули фарҳанги нутқ дар заминаи маводди ахлоқию маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ташкил медиҳад. Барои расидан ба ин ҳадаф вазифаҳои мушаххаси таҳқиқотӣ, аз ҷумла, таҳлили мунтазами заминаҳои назариявию методологӣ, мониторингу баррасии интиқодии Стандарти давлатӣ, барномаҳо ва маводди китобҳои дарсӣ, коркарди меъёрҳои илмии мавод, таҳияи машқу супоришҳои иртиботӣ ва санҷиши эмпирикии самаранокии методикаи пешниҳодшуда муайян ва ҳал карда шудаанд.

Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ҳамчун воситаи муассири рушди фарҳанги нутқ, тафаккури мантиқию таҳлилӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва таҳкими арзишҳои маънавию ахлоқии хонандагон баррасӣ шудаанд. Муаллиф равишҳои лексикӣ-семантикӣ, матнмеҳварӣ ва фаъолнокиро дар доираи низоми ягонаи методӣ муттаҳид намуда, заминаҳои илмӣ-методии истифодаи самараноки воҳидҳои мазкурро дар раванди таълими забони тоҷикӣ муқаррар кардааст.

Аз дидгоҳи амалӣ ва салоҳиятмандӣ мутобиқати мантиқии таҳқиқот назаррас аст: мушкили сатҳи фарҳанги нутқ ба таҳлили сабабҳо, интихоби маводди воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, таҳияи амсилаи таълим ва санҷиши таҷрибавӣ мепайвандад. Ин тарҳ имкон медиҳад, ки натиҷаҳо на танҳо чун тавсияи умумӣ, балки ба фаъолнокии омӯзгор ва хонанда таъсир гузоранд.

Ҷанбаи муҳимми таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ба масъалаи истифодаи амалии донишҳои назариявӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, роҳҳои такмили қобилияти баёни мустақилонаи фикрро муайян кардааст. Мундариҷаи бобҳо бо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқати мантиқӣ дошта, пайдарпайии

масъалаҳои баррасишуда барои идомаи таҳқиқ ва гузариш ба боби минбаъдаи диссертатсия заминаи зарурии илмӣ фароҳам меорад.

Саҳми муҳимми докторант дар қисмати озмоишӣ-санҷишии рисола зоҳир мегардад. Ҷалби се гурӯҳи асосии иштироккунандагони озмоиши педагогӣ имкон додааст, ки мушкилоти мавҷуда на танҳо дар доираи нишондиҳандаҳои таълим, балки дар робита бо муҳити умумии тарбиявию таълимии мактаб ва оила ба таври ҳамаҷониба ва амиқ баррасӣ шавад.

Дар рисола ба масъалаи татбиқи амалии дониш ва истифодаи самараноки онҳо дар раванди гуфтору навиштор диққати ҷиддӣ дода шудааст. Муаллиф аҳаммияти ташаккули малакаҳои муоширатро асоснок намуда, роҳҳои истифодаи донишҳои назариявиро дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон мавриди таҳлил қарор додааст.

Хулосаҳои диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқотро инъикос ва дастовардҳои назариявӣ, методӣ ва таҷрибавиро таъмин кардаанд.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда, барои такмили минбаъдаи таҳқиқ чунин мулоҳизаҳо пешниҳод мешаванд:

1. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғаллатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 15, 57, 66, 116, 185).

2. Дар матни автореферат ҷо-ҷо такрори фикр ба назар мерасад (с. 78, 80).

3. Барои фарқи натиҷаҳои тест, иншо, мусоҳиба ва шарҳи маъно тафсири омории амиқ ба мақсад мувофиқ мебуд.

Қобили зикр аст, ки ин норасоҳо моҳияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмиву амалии таҳқиқотро паст намекунанд ва барои мукаммалтар нишон додани маълумот, дақиқсозии меъёрҳо ва осон намудани татбиқи натиҷаҳо нигаронида шудаанд. Кори диссертатсионии анҷомёфта таҳқиқоти мустақилона, мукаммал ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ ва дар маҷмӯъ рисолаи илмӣ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими

воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб гардида, бандубасти он ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Солеҳзода Шоира Солеҳ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.3 - Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарриз:

доктори илмҳои педагогӣ,

ходими калони илмии шуъбаи педагогика,

психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи

рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ Давлатшоев И.

02.11.2026

Маълумот барои тамос:

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи акад. А.Адҳамов, 11/2.

Телефон: (+992) 93 836 44 97 (моб.)

Имзои И.Давлатшоевро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ

ШУЪБАИ КАДРҲО

Х.Ҳакимова